*Ба шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дар мавзӯи: «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт**

Низоми иқтисодии бозоргонӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ташаккулёбӣ ва рушд қарор дорад ва бо ин сабаб, ҳоло на ҳамаи масъалаҳои асосии ҳаёти кишвар ва минтақаҳои он бо таври кофӣ ҳаллу фасли худро ёфтаанд. Пеш аз ҳама, ин ҳолат бо таъмин намудани аҳолӣ бо неъматҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла неъматҳои муҳими иҷтимоӣ вобастагӣ дорад.

Дар адабиёти иқтисодӣ ва омӯзиши масъалаҳои эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва вобаста ба ин, неъматҳои ҷамъиятӣ таърихи дурудароз соҳиб аст. Дар доираи ин масъала шарҳу тафсири муносибати ҳамдигарии тафзилҳои инфиродӣ, манфиатҳои гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ моҳияти баҳснокро дорад. Дар маркази баҳси илми иқтисоди анъанавии давраҳои аввал (масалан, дар асарҳои А.Смит) ғамхорӣ нисбати некӯаҳволии ҷамъият аз муқаррароте, ки зуҳуроти «дасти ноаён» -ро танзим мекунад, сарчашма мегирифт. Маҳз дар заминаи муқаррароти «дасти ноаён» индивидуализми методологӣ ташаккул ёфтааст, ки тибқи он манфиатҳои гурӯҳӣ ва ҷамъиятӣ ба манфиатҳои шахсони алоҳида баробар карда шуданд. Принсипи мазкур дар давраи минбаъда аз ҷониби олимони неоклассик инкишоф дода шуд. Принсипи мазкур муносибатро ба манфиатҳои гуногун дар се муқаррароти асосӣ муайян мекунад: а) индивидуализм (инфиродият), тасаллути манфиати шахсӣ дар иқтисод, яъне ҳама гуна эҳтиёҷоти ҷамъиятй ба хоҳиши ашхоси алоҳида

баробар карда мешуданд; б) эгоизм (худпарастӣ), яъне кӯшиши ҳар як инсон барои зиёд гардонидани фоидаи шахсии худ; в) соҳибихтиёрии инсон, яъне озод будани инсон нисбати хоҳишҳои шахсӣ. Аз ин хулоса кардан мумкин аст, ки қолаби меъёрии бозор дар заминаи амалӣ ин муқаррарот бунёд шудааст. Ба ибораи дигар, дар бозор рафтори ҳар як иштирокчӣ, ки неъматҳои хусусӣ - мол ва хизматрасониро бо ҳам иваз мекунанд, зуҳуроти мазмуни муқарраროти дар боло зикршударо муайян мекунад.

Унвонҷӯ дуруст қайд менамояд, неъматҳои муҳими иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг, илм ва ғ.), ҳамчун як намуди муҳими иҷтимоии неъматҳои омехтаи ҷамъиятӣ дар бахши давлатии иқтисод дараҷаи гуногуни хусусияти истисноӣ будан ва қисман коҳиш ёфтан ё нобуд шуданро доранд. Истисно кардани неъматҳои муҳими иҷтимоӣ (бар хилофи неъматҳои софи ҷамъияйӣ) дар хусусиятҳои зерин зоҳир мешавад: истеъмоли муштарак бо интихоб; роҳҳои гуногуни истифодаи он; кам шудани истеъмоли он, яъне дар раванди истеъмол онҳо кам мешаванд; хусусияти музднок будан, яъне объекта хариду фурӯш мегардад.

Рисоланавис дуруст қайд менамояд, ки субъектҳои бахши ҷамъиятии иқтисодиёт, инчунин неъматҳои маҳдудро таъмин мекунанд. Аммо онҳо дар сохтори сектори ҷамъиятии иқтисодиёт аз ҷиҳати ташкилаҳои ниҳодӣ камшуморанд.

Дар баробари бартариҳои номбаршуда мавҷуда дар рисолаи номзадӣ камбудиҳои зерин низ ба назар мерасад, аксари онҳо хусусияти тавсиявӣ дорад:

1. Дар автореферати рисолаи диссертатсионӣ масоилҳо оид ба тамоюлҳои рушди шарикии давлатӣ-хусусӣ дар доираи пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ дар вилояти Суғд дар сатҳи зарурӣ омӯхта нашудааст;

2. Дар навгонии 2 чунин қайд карда мешавад, “Асоснок карда шуд, ки такмилу коркарди механизмҳои идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти истеҳсолу пешниҳоди неъматҳои муҳимми

иҷтимоӣ (маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ғ.). Вале, дар автореферат соҳаи фарҳанг мавриди омӯзиш ва қарор нагирифтааст;

Умуман, вобаста аз мӯҳтавои сохтори автореферати Азимова Муқадасхон Муҳамедовна дар мавзӯи «Идоракунии рушди бахши давлатии хизматрасониҳо дар самти пешниҳоди неъматҳои муҳимми иҷтимоӣ (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣаз рӯи ихтисоси 08.00.05.02 - Хизматрасонӣ дар соҳаҳои илм, маориф ва иҷтимоиёт мушоҳида кардан мумкин аст, ки он кори анљомдодашуда ба ҳисоб меравад. Ва муаллиф барои гирифтани унвони номзади илмҳои иқтисодӣ сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**муовини директор оид ба илм ва инноватсияи**
**Донишкадаи политехникии Донишгоҳи**
**техникии Тоҷикистон ба номи академик**
**М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд** **Ахмедов У.Ҳ.**

Имзои муовини директор оид ба илм ва инноватсияи ДПДТТ ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, н.и.и., дотсент Ахмедов Усмонҷон Ҳомидҷоновичро тасдиқ менамоям.

Сардори шӯъбаи кадрҳои ДПДТТ
ба номи академик М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд Ёқубова М.А.

Суроға: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Исмоили Сомонӣ 226
Тел: (+992 3422) 6-04-54
Факс: (9923422) 6-04-54
E-mail: www.polytech.tj